**ТАҚРИЗ**

**ба автореферати диссертатсияи Кенҷазода Манучеҳра Солеҳ дар мавзуи «Вижагиҳои сохторӣ ва дастурии ҷумлаҳои сода дар забони адабии муосири тоҷикӣ (дар асоси маводи насри муосир)» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.01 – Забони тоҷикӣ**

Дар даҳсолаи аввали Истиқлол таваҷҷуҳ ва диққати забоншиносон ба омӯзиши хусусиятҳои луғавию маъноӣ ва сохтории истилоҳот, хосатан таърихи он бештар гардида, таҳқиқи вижагиҳои наҳвии забони тоҷикӣ то дараҷае аз мадди назар дур монда буд. Хушбахтона, дар чанд соли охир дар ин самт низ пажуҳишҳо ба анҷом мерасанд, ки яке аз онҳо кори таҳқиқии мавриди тақриз аст, ки ба қалами Кенҷазода М.С. таалluқ дорад.

Натиҷаву хулосаҳои корро дар омӯзишу таҳлили минбаъдаи масъалаҳои муносибатҳои маъноию грамматикии ҷумлаҳои сода, таҳаввул ва ҷараёни инкишофи минбаъдаи ҷумлаҳои сода, таълими фанни забони адабии муосири тоҷикӣ дар макотиби миёна ва олӣ, масъалаҳои омӯзиш, таҳқиқу таълими услубшиносӣ ва таҳрири адабӣ метавон истифода намуд.

Аз мутолиаи автореферати мавриди тақриз бармеояд, ки дар муқаддима, ки тибқи талаботи роиҷ шакл гирифтааст, мавзуи таҳқиқ асоснок гардида, дараҷаи омӯхта шудани мавзуъ дар забоншиносии тоҷик, робитаи таҳқиқ бо барномаҳо ва мавзуъҳои илмӣ, мақсаду вазифаҳо, объект ва предмети таҳқиқ, навгониҳои илмӣ, аҳаммияти назарию амалии таҳқиқ ва ғ. равшану возеҳ шудаанд.

Боби якум «Хусусиятҳои дастурии ҷумлаҳои сода дар забони адабии муосири тоҷикӣ» унвон дошта, фарогири панҷ фасл аст.

«Масъалаҳои назарии таҳқиқи ҷумлаҳои сода дар забоншиносии умумӣ» унвони фасли якуми боби якум буда, дар он масъалаҳои назарии омӯзиши ҷумлаҳои сода дар забоншиносии русу тоҷик мавриди омӯзишу баррасӣ қарор гирифтааст. Муҳаққиқ дуруст мегӯяд, ки дар таърихи грамматика афкори олимони се ҷараёни забоншиносӣ: мантиқӣ-грамматикӣ, равоншиносӣ, грамматикаи шаклӣ «барои баҳсҳои давомдори грамматика ва шинохти ҷумлаҳои сода сарчашмаи муҳим ба ҳисоб мераванд» (автореферат, с. 11).

Фасли дуюми боби якум «Масъалаҳои назарии таҳқиқи ҷумлаҳои сода дар забоншиносии тоҷик» номгузорӣ шуда, ба таърихи таҳқиқи ҷумлаҳои сода дар забоншиносии тоҷик ихтисос дорад. Дар фасли мазкур андешаву назари олимони тоҷик, мисли С. Ализода, Б. Ниёзмуҳаммадов, М. Қосимова, Р. Ғаффоров, Б. Камолиддинов, М. Норматов ва дигарон ба риштаи таҳлил омадааст. Баъди омӯзиши осори илмии дастрас муҳаққиқ афкори мавҷударо, ки дар он ду аломати характерноки ҷумла: интонатсияи хабарӣ ва муносибати предикативии ҷумла ҷонибдорӣ карда мешавад, дастгирӣ намудааст.

Фасли сеюми боби якум – «Меъёрҳои таснифи сохтории ҷумлаҳои сода», ба омӯзиши таснифоти сохтории ҷумлаҳои сода ихтисос дорад. Фасли мазкурро муҳаққиқ чунин хулоса мекунад: «Дар байни воҳидҳои забон ҷумла воҳиди асоситарини муошират буда, матн ҳам, ки имрӯз таваҷҷуҳи бисёр муҳаққиқон ба

он равона аст, бе мавҷудияти ҷумлаҳои ҷудогона вуҷуд дошта наметавонад» (автореферат, с. 15).

Дар фасли чоруми боби якум, ки «Майдони наҳвӣ ва муносибати парадигмативӣ дар ҷумлаҳои сода» ном дорад, диссертант дар мавриди ба низом даровардани типология ё худ муқоисаи ҷумлаҳои сода дар асоси қатъият ва ҳақиқии алоқаи дохилии навъҳои асосии ҷумла, зуҳурот ва тағйироти онҳо сухан меронад. Ба андешаи диссертатнт, «роҳҳои гуногуни инкишоф, зам шудани маъноҳои иловагӣ ва аз ҷиҳати грамматикӣ мураккаб шудани қолабҳои ниҳоии ҷумлаҳо, аз ҷумла, гузаштани як қолаби тадриҷан тағйирёбанда дар алоқа бо дигар қолабҳо ба назар мерасад» (автореферат, с. 16).

Фасли панҷуми боби якум – «Тарҳи шартии сохтори ҷумлаи сода», ба омӯзиши шаклҳои асосии тарҳрезии сохтори ҷумлаи сода бахшида шудааст. Тарҳи шартии сохтори грамматикӣ ва маъноии ҷумла ба дутаркиба ё яктаркиба ҷудо шудааст. Муҳаққиқ тарҳи дутаркибаи сохтори ҷумларо ба ду гурӯҳ ҷудо кардааст: 1) тарҳи шартии ҷумлаҳои дутаркибаи номӣ, ки, дар навбати худ, ба чаҳор зергурӯҳ тасниф шудааст; 2) тарҳи шартии сохтори ҷумлаҳои дутаркибаи масдарӣ, ки ба панҷ зергурӯҳ ҷудо шудааст.

Тарҳи шартии сохтори ҷумлаҳои яктаркиба дар забони тоҷикӣ ба ҳафт навъ ҷудо шудааст.

«Хелҳои ҷумлаи сода аз рӯйи сохту таркиб дар забони муосири тоҷикӣ» унвони боби дуюми рисола буда, он аз ҳашт фасл иборат аст.

Фасли якуми боби дуюм «Ҷумлаҳои содаи яктаркиба» унвон гирифтааст. Муаллиф ҷонибдори афкори муҳаққиқоне аст, ки ҷумлаҳои яктаркибаро ба эътибори таркиб ва вазифаи грамматикии саразъояшон ба ду гурӯҳ ҷудо кардаанд: а) ҷумлаҳои содаи яктаркибаи бемубтадо; б) ҷумлаҳои содаи яктаркибаи бехабар.

Муҳаққиқ фарқи ҷумлаҳои яктаркибаро аз дутаркиба дар ин аломатҳо мебинад: 1) хусусиятҳои маъноию грамматикӣ; 2) муҷазбаёнии фикр; 3) таркиби грамматикӣ.

Дар фасли дуюми боби дуюм – «Ҷумлаи содаи яктаркибаи муайяншахс», ҷумлаҳои яктаркибае таҳлилу тадқиқ шудаанд, ки мубтадо надоранд. Ба фикри муҳаққиқ, шифоҳӣ ифода нашудани мубтадо дар ҷумлаҳои яктаркибаи муайяншахс ба сохтори онҳо таъсир намерасонад: муносибати предикативӣ асоси ҳар гуна ҷумлаи содаро ба мисли ҷумлаҳои дутаркиба ташкил медиҳад.

Фасли сеюми боби дуюм «Ҷумлаи содаи яктаркибаи номуайяншахс» унвон дорад. Аз таҳлилу мабоҳиси фасли мазкур диссертант ба бардоште расидааст, ки «сабаби номуайяншахс ном гирифтани ин ҷумлаҳо он аст, ки предмети ғайришахс субъекти дар назар доштаи ин гуна ҷумлаҳо шуда наметавонад. Дар ин гурӯҳ ҷумлаҳо гӯянда диққати асосиро ба амалу ҳолат дода, ба субъект эътибор намедиҳад, зеро вай дар иҷрои амал ҳеҷ гуна саҳме надорад, аз ин рӯ ҳоҷат ба зикри он нест» (автореферат, с. 20).

Фасли чоруми боби дуюм «Ҷумлаи содаи яктаркибаи умумишахс» ном гирифта, ҷумлаҳои яктаркибаи умумишахс аз маҷмуи ҷумлаҳои яктаркиба бо он фарқ мекунанд, ки амали ба умум дахлдоштаро ифода менамоянд. Онҳо дорои

аломати махсуси сохторӣ нестанд ба сифати ҷузъи сохторташкилкунанда калимашаклҳое, ки маънои маҷозӣ доранд, истифода мешаванд.

Фасли панҷуми боби дуюм – «Ҷумлаи содаи яктаркибаи бешахс», ҷумлаҳои содаи яктаркибаеро тадқиқ кардааст, ки дар онҳо хабари ҷумла ба шахс далолат намекунад. Ҷумлаи яктаркибаи бешахс амалеро мефаҳмонад, ки иҷро шудани он зарур, лозим, мумкин, имконпазир ё баръакс, нодаркор, номумкин ва имконнопазир дониста шудааст. Дар асоси маводи насри муосир унвонҷӯ ин навъи ҷумлаҳои содаро ба панҷ даста тасниф намудааст.

Дар фасли шашуми боби дуюм, ки «Ҷумлаҳои яктаркибаи унвонӣ» ном дорад, ҷумлаҳои содаи унвонӣ ба риштаи таҳлил гирифта шудаанд. Муҳаққиқ дар заминаи маводи насри муосир ҷумлаҳои унвониро ба чаҳор гурӯҳ: 1) унвонии тавсифӣ; 2) унвонии ишоратӣ; 3) унвонии ҳиссачадор; 4) унвонии беҳиссача тасниф намудааст.

Фасли ҳафтуми боби дуюм – «Ҷумлаҳои содаи дутаркиба», ба вижагиҳои ҷумлаҳои содаи дутаркиба ва хелҳои он (ҷумлаи содаи дутаркибаи тафсилӣ; ҷумлаи содаи дутаркибаи хуллас) бахшида шудааст. Дар заминаи маводи гирдоварда муҳаққиқ ба ин бардоште расидааст, ки: а) ҷумлаҳои содаи дутаркибаи тафсилӣ нисбат ба ҷумлаҳои содаи дутаркибаи хуллас бештаранд; б) аз ҷиҳати хусусияти семантикӣ ҷумлаҳои содаи дутаркиба матлабро пурра ва муфассал баён мекунанд.

Дар фасли ҳаштуми боби дуюм, ки «Ҷумлаҳои содаи пурра ва нопурра» унвон гирифтааст, таваҷҷуҳи муаллиф ба принсипҳои таснифоти ҷумлаҳои содаи пурра ва нопурра равона шудааст. Ба фикри муҳаққиқ, ҷумлаҳои содаи нопурра табиатан дар муколама истифода мешаванд. Нависанда, гӯянда ва ё шунаванда дидаву дониста ҷумларо дар шакли нопурра меорад ва медонад, ки дар шакли нопурра овардани ҷумла ба ифодаи матлаб, баёни мақсад халал намерасонад.

Боби сеюм «Хелҳои ҷумлаи сода аз рӯйи мақсади гуфтор дар забони муосири тоҷикӣ» ном дошта, дар он анвои ҷумлаҳои сода аз рӯйи мақсад ва интонатсия мавриди таҳқиқ қарор гирифтаанд.

Фасли якуми боби сеюм «Ҷумлаи содаи ҳикоягӣ (хабарӣ)» унвон дошта, дар он хусусиятҳои ҷумлаҳои содаи ҳикоягӣ таҳқиқ гардидааст. Ҷумлаҳои хабарӣ оҳанги махсус доранд ва ба таври муътадил бо оҳанги на паст ва на баланд гуфта мешаванд. Ин навъ ҷумла бо оҳанги паст оғоз гардида, дар яке аз аъзоҳо баланд мешавад. Оҳанги аз ҳама баланд ба калимае меафтад, ки задаи мантиқӣ қабул кардааст. Категорияи модалият хосси ҳама гуна ҷумлаҳои хабарӣ буда, ба категорияи замон алоқаманд аст. Хусусияти объективии модалият дар он ифода мешавад, ки ба воситаи ҷумла дар бораи ашё ва ҳодисаҳои олами ҳастӣ, ки ба таври воқеӣ дар яке аз замонҳо мавҷуд мебошад, хабар дода мешавад. Модалияти субъективӣ бошад, муносибати гӯяндаро ба фикр нишон медиҳад.

Дар заминаи маводи зеридаст диссертант ба ин натиҷа мерасад, ки ҷумлаҳои ҳикоягӣ дар забони адабии ҳозираи тоҷикӣ серистеъмоланд. Онҳо хусусияти тасвирӣ, нақл кардан, муҳокима рондан дар бораи ҳодисаҳои воқеиро бар зимма доранд.

Дар фасли дуюми боби сеюм, ки «Ҷумлаи содаи саволӣ» ном дорад, муҳаққиқ ҷумлаи содаи саволиро, ки аз навъҳои сермаҳсули ҷумлаҳои сода ба

шумор мераванд, ба риштаи таҳлилу тадқиқ гирифтааст.

Диссертант ду навъи ҷумлаҳои содаи саволӣ: 1) саволии хоса ва 2) саволии риторикиро ҷонибдорӣ менамояд ва илова мекунад, ки ҷумлаҳои саволии хоса аз гурӯҳи асосӣ ва сермаҳсули ҷумлаҳои саволӣ маҳсуб меёбанд. Дар асоси маводи фактологӣ хулоса шудааст, ки дар ифодаи ҷумлаҳои саволӣ бештар интонатсияи саволӣ, ҳиссачаҳои *магар, наход, мабодо* серистеъмол буда, дар нутқи муаллиф, яъне дар сухани тасвирии нависанда нуфузи бештар доранд. Илова бар ин ҷумлаҳои содаи саволӣ дар асарҳои бадеӣ яке аз воситҳои муҳимтарини объекти тасвир буда, онҳо, одатан, бо мақсади дар шакли кӯтоҳи пурмазмун дода тавонистани амалу ҳолатҳо ва ҳиссиёти гуногун ба кор бурда мешаванд.

Фасли сеюми боби сеюм «Ҷумлаи содаи амрӣ» ном дорад. Дар заминаи маводи насри муосир муҳаққиқ ҷумлаҳои амриро ба 10 даста тасниф намудааст (амр ва супориш; таъкиди матлаб; даъват; нияту орзу; илтимос, таскину тасалло ва ғ.).

Дар фасли чоруми боби сеюм – «Ҷумлаи содаи хитобӣ», хусусиятҳои сохториву дастурии ҷумлаҳои хитобӣ, ки дар онҳо мақсад бо эҳсосоту ҳаяҷон ифода мешавад, баррасӣ гардидааст. Дар заминаи маводи мавҷуда муаллиф панҷ аломати характерноки ҷумлаҳои хитобии аслиро ҷудо намудааст.

Дар фасли панҷуми боби сеюм, ки «Ҷумлаҳои содаи тасдиқӣ ва инкорӣ» ном гирифтааст, ҷумлаҳои содаи тасдиқӣ ва инкорӣ баррасӣ шудаанд. Таъкид мешавад, ки ба тасдиқӣ ва инкорӣ ҷудо кардани ҷумлаҳо бо мазмуни муносибатҳои воқеии дар онҳо ифодашуда вобаста аст. Хусусияти тасдиқӣ ё инкории ҷумла инъикоси муносибатҳои байни ҳодисаҳои воқеият аст. Ҳамзамон категорияи инкор ба мазмуни ҷумла алоқаманд буда, бо воситаҳои гуногуни грамматикӣ ифода меёбад.

Боби чоруми диссертатсия «Нақш ва мавқеи аъзоҳои ҷумлаи сода дар забони адабии муосири тоҷикӣ» унвон дошта, аз даҳ фаслу понздаҳ зерфасл таркиб ёфтааст.

Дар фасли якуми боби чорум – «Аъзоҳои ҷумлаи сода», баҳс дар атрофи аъзои ҷумла рафтааст ва муҳаққиқ панҷ аъзои ҷумларо, ки ба ду гурӯҳ тасниф кардаанд: сараъзо ва аъзои пайрав ҷонибдорӣ намуда, нақши онҳоро дар ифодаи фикр муҳим арзёбӣ мекунад.

Фасли дуюми боби чорум – «Сараъзоҳои ҷумла», ба таҳқиқи вижагиҳои сохториву дастурии сараъзои ҷумла ихтисос дорад. Муаллиф мубтадо ва хабарро пояи асосии шакли грамматикии ҷумлаҳои дутаркиба медонад, ки муносибатҳои предикативиро ифода менамоянд.

Дар фасли сеюми боби чорум, ки «Мубтадо» унвонгузорӣ шудааст, таҳқиқи мубтадо дар таркиби ҷумлаҳои сода ба қалам омадааст. Баъди зикри аломатҳои мубтадо дар забони муосири тоҷикӣ дар заминаи маводи насри муосир ифодаи мубтадо бо ҳиссаҳои нутқ, аз ҷумла, бо исм; сифат; ҷонишин (ҳафт гурӯҳи ҷонишинҳо); шумора; сифати феълӣ ва масдар баррасӣ гардидааст.

Фасли чоруми боби чорум «Хабар» унвон гирифтааст. Дар ин фасл муаллиф баъди таҳлилу ёдрасии навъҳои хабар – феълӣ ва номӣ ва вижагиҳои дастуриву сохтории хабар (сода; таркибӣ; тафсилӣ) ифодаи хабар бо ҳиссаҳои гуногуни

нутк: бо исм, сифат, шумора, ҷонишин, сифати феълӣ, феъли ҳол, масдар, зарф ва воҳидҳои фразеологӣ таҳлил шудааст.

Фасли панҷуми боби чоруми диссертатсия – «Аъзои пайрави ҷумлаҳои сода», ба таҳлили аъзоҳои пайрави ҷумла ихтисос дорад. Муаллиф бар ин назар аст, ки аъзои пайрави ҷумла – муайянкунанда, пуркунанда ва ҳол «аз ҷиҳати маъно, вазифа, тарзи ифода ва воситаи алоқаашон бо аъзоҳои дигари ҷумла аз ҳамдигар фарқ мекунанд. Онҳо муносибатҳои гуногун: аломат, соҳибият, мафъули (объекти) амал, замон, макон, сабаб, шартро ифода намуда, барои пурратар баён кардани фикр ёрӣ мерасонанд» (автореферат, с. 32).

Дар фасли шашуми боби чорум, ки «Муайянкунанда» ном дорад, хусусиятҳои ин аъзои пайрави ҷумла, воситаҳои грамматикии алоқаи муайянкунанда бо муайяншаванда (бандаки изофӣ, пешояндҳо ва ғайра) баррасӣ шудааст.

Фасли хафтуми боби чорум «Баёния» ном дорад. Таъкид мешавад, ки баёния хусусияти муайянкунӣ дошта, аз муайянкунанда бо он фарқ мекунад, ки калимаи асосиро бо додани номи нав эзоҳ медиҳад. Ҳамзамон, аз ҷиҳати алоқа изофӣ ва ғайриизофӣ шудани баёния зикр шудааст.

Дар фасли ҳаштуми боби чорум, ки «Пуркунанда» ном дорад, навъҳои пуркунанда, алоқаи пуркунанда бо хабар ва ғайра ба риштаи таҳлил омадааст. Дар ин фасл дар замиани маводи насри муосир ифодаи пуркунандаи бевоситаи суратёфта бо исм, ҷонишин, масдар, шумора, сифати феълӣ муфассал тахлил шудааст. Ҳамзамон, ба ин тарзу усул пуркунандаи бавосита баррасӣ шудааст, ки предметеро нишон медиҳад, ки таъсиру амалиёти хабари ҷумла ба он мегузарад.

Фасли нуҳуми боби чорум «Ҳолшарҳкунандаҳо» ном дошта, дар зерфаслҳои он хелҳои ҳол – ҳоли замон, макон, тарзи амал, миқдору дараҷа, монандӣ, сабаб, мақсад, шарт ва хилоф мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд. Диссертант мисли дигар муҳаққиқон ҳолро аз ҷиҳати маъною вазифааш ба ду хел ҷудо кардааст: ҳоли ифодакунандаи муносибат ва аломат. Ҳоли муносибат замону макон, сабабу мақсад, шарту хилофи воқеъ шудан ё нашудани амал, ҳолат ва аломати хабарро ифода мекунад. Ҳоли аломат тарз, ҳолату вазъият, миқдору дараҷаи зоҳиршавии амалу аломати хабар ва дигар аъзоҳои ҷумларо мефаҳмонад.

Фасли нуҳум дар навбати худ ба 10 зерфасл ҷудо шуда, дар онҳо муҳаққиқ навъҳои ҳол (замон, макон, тарзи амал, миқдор, дараҷа, монандӣ, сабаб, мақсад, шарт, хилоф)-ро дар заминаи маводи насри муосир ба риштаи таҳлилу тадқиқ гирифта, вижагиҳои сохториву дастурии онҳоро таҳлил намудааст.

Дар фасли даҳуми боби чоруми диссертатсия, ки «Ҷумлаҳои содаи чидааъзо» ном дошта, аз панҷ зерфасл иборат аст, вижагиҳои сохториву дастурии ҷумлаҳои чидааъзо ба риштаи таҳлил омадааст. Дуруст таъкид мешавад, ки «Дар ҷумлаҳои чидааъзо ду ва ё зиёда аъзоҳои ҷумла пай дар пай омада, муносибати пайвасти наҳвиро ифода мекунанд ва ба як савол ҷавоб мешаванд. Роҳу воситаҳои алоқаманд гардидани аъзои чидаи ҷумла гуногун аст» (автореф., с. 36).

Дар бахши «Хулоса»-и автореферат бардоштҳои муҳаққиқ дар 28 банд ифода шудааст. Мазмун ва муҳтавои аннотатсияи кор, ки бо се забон: тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ оварда шудааст, бо ҳам мувофиқати комил дошта, мундариҷаи корро якҷоя бо асару мақолоти муаллиф, ки, дар маҷмуъ, фарогири 39 адад (3

монография; 36 мақолаи илмӣ) мебошанд, пурра инъикос мекунанд.

Автореферат бо забони хеле хуби илмӣ навишта шуда, баёнгари он аст, ки муаллиф дар таълифи он заҳмати зиёд кашидааст.

Дар автореферати мавриди тақриз дар радифи дастовардҳо баъзе нуктаҳои баҳсталаб ва лағзишу ғалатҳо ба назар мерасанд, ки, ба пиндори мо, ба эътибор гирифтани онҳо боиси болоравии ҳусни кор хоҳад гардид:

1. Хуб мебуд, ки дар чараёни таҳқиқи мавзуъ муаллиф афкори олимони дигари ватаниву хориҷӣ, мисли А. Фитрат, С. Собирҷонов, М. Каримова, Ю.А. Рубинчик, А. Ҳумоюнфаррух, М. Шариатро дар мавриди ҷумлаҳои сода ва вижагиҳои онҳо ба риштаи таҳлилу тадқиқ мегирифт.

2. Дар мавриди сохти хабар диссертант дар ду фикр аст: сохта ва мураккаб (с. 31), сода, таркибӣ ва тафсилӣ (с. 32).

3. Дар қисмати «Хулоса»-и автореферат бандҳои 13 ва 19 ба ҷумлаҳои содаи чидааъзо таалluқ доранд, аз ин рӯ муттаҳид намудани онҳо беҳтар менамояд.

4. Дар автореферат гоҳо ғалатҳои услубӣ (с.15; 22), имлоӣ (с.4; 7; 8; 11; 12; 18; 31; 34), китобат (с.12; 14; 30) ва техникӣ (с.13; 25; 35) ба мушоҳида расиданд.

Хулоса, автореферати диссертатсияи Кенҷазода Манучеҳра Солеҳ дар мавзуи «Вижагиҳои сохторӣ ва дастурии ҷумлаҳои сода дар забони адабии муосири тоҷикӣ (дар асоси маводи насри муосир)» ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва таҳияи авторефератҳо ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.01 – Забони тоҷикӣ мебошад.


**Муқарриз:**
доктори илмҳои филологӣ,
сардори раёсати илм ва инноватсияи
МДТ-и «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба
номи академик Бобоҷон Ғафуров» Олимҷонов М.О.
«10» октябри соли 2025.

Нишонӣ: 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Хуҷанд, маҳаллаи Хуррамшаҳр, 23
Телефон: (+992) 90-210-99-20
Email: olimi0404@jmail.com

«Имзои Олимҷонов Мусо Обидовичро тасдиқ мекунам»
сардори Раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
МДТ-и «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба
номи академик Бобоҷон Ғафуров» Сайдуллозода З.С.

Нишонӣ: 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Хуҷанд, гузаргоҳи Мавлонбеков, 1.
Тел.: (+992) 92-805-70-07; факс: (992-3422) 6-75-18
E-mail: zarrina_14.10.70@mail.ru
«10» октябри соли 2025.